«Тасдиқ мекунам»

Ректори Донишгоҳи давлатии

Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

д.и.х., профессор ________ Раҳмон Д.С.

«_______» «_____________» соли 2022

# ТАҚРИЗИ

муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Исайнова Манижа Ҳисайновна дар мавзуи «Ҷанбаҳои минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Таъмини амнияти озуқаворӣи минтақа ҳамчун унсури ҷудонашавандаи бехатарии иқтисодии мамлакат ба ҳисоб рафта, дар қатори расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва саноатикунони босуръат, ки ҳамчун ҳадафҳои асосии рушди устувори иқтисодӣ муаррифӣ гардидаанд, нақши беандоза муҳими худро дар пешрафти иқтисоди миллии мамлакат мебозанд. Новобаста аз оне, ки дар шароити ҳозира масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ на танҳо яке аз масъалаҳои миллӣ ба ҳисоб меравад, муҳиммияти ин масъала дар сатҳи локалӣ (минтақа) коҳиш наёфта, баръакс рӯз аз рӯз яке аз масъалаҳои муҳими рушди иқтисоди минтақаҳо боқӣ мемонад. Зеро маҳз таъмини талаботи ҳаррузаи аҳолӣ бо маводи озуқаи худӣ аз рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳо вобастагӣ дорад. Бо махсусгардонии рушди минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ, ки ҳамчун ноҳияҳои иқтисодӣ муайян шудаанд такя намуда, на танҳо таъмини амнияти озуқавориро ба роҳ мондан мумкин аст, балки рушди минтақаҳоро ҳамчун комплекс (кластер)-и ҷудонашавандаи сиёсати аграрию иқтисодӣ дар оянда боз ҳам метавон тараққӣ дод. Далелҳои дар боло зикршуда мувофиқати мавзуи интихобкардаи диссертатсияро муайян намуда, яке аз мавзуи муҳим, рӯзмарра ва дар айни ҳол ҳалталаб ба ҳисоб меравад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ.** Бо вуҷуди ҳамаи тадқиқотҳои дар ин соҳа гузаронидашуда, қайд кардан бомаврид аст, ки мавҷуд набудани сиёсати консептуалии асосёфтаи давлатӣ дар соҳаи амнияти озуқаворӣ оқибати нокифояи таҳқиқоти илмии он мебошад. Ҳамзамон, дар доираи як кори диссертатсионӣ ғайриимкон аст, ки дар он ҳамаи муаммои амнияти озуқаворӣ, ҷанбаҳои назариявию методологӣ, таркиб, сохтор, хусусиятҳои зуҳурот, робитаҳои мутақобила бо дигар намудҳои амнияти

миллӣ таҳлилу таҳқиқ карда шавад. Сарфи назар аз кӯшиши ҳамаҷониба таҳлил ва омӯзиши масъалаҳои бо озуқаворӣ таъмин кардани минтақаҳои алоҳида, онҳо тадқиқоти ҳамаҷонибаи худро наёфтаанд. Ҳамзамон, то имрӯз ба нақши минтақа дар низоми таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар ва такмил додани механизми иқтисодии бо озуқаворӣ таъмин намудани минтақа бо назардошти хусусиятҳои хоси он ба қадри кофӣ таваҷҷӯҳ зоҳир карда нашудааст. Ғайр аз он, асосҳои назариявии омӯзиши оқилонаи механизми бозор ва танзими давлатии бозори озуқаворӣ, имкониятҳои молиявии давлат барои дастгирии истеҳсолкунандагони ватании озуқаворӣ, диверсификатсияи минтақаҳо аз ҷиҳати худтаъминкунии онҳо бо озуқаворӣ дар сатҳи даркорӣ омӯхта нашудаанд, ки зарурат ва рӯзмарра будани ин таҳқиқотро муайян менамояд.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Муҳтавои диссертатсия ба соҳаи илмии фарогири ихтисоси 08.00.03-Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мутобиқ буда, ба бандҳои 1.9. Баҳодиҳии нақши минтақаҳо дар иқтисодиёти миллӣ (нишондодҳо, усулҳо, методлогияи таҳлил); махсусгардонии истеҳсолии минтақаҳо; сохтори иқтисодӣ аз ҷиҳати макон, қонуниятҳои дигаргуншавии он; сиёсати сохторӣ ва азнавсозии сохторӣ; 1.13. Сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии минтақавӣ; таҳлили хусусиятҳо ва баҳодиҳии самаранокии сиёсати иқтисодии минтақавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, минтақаҳо ва мунитсипалитетҳо; 1.18. Ташкил ва баҳодиҳии самаранокии фаъолияти мақомоти ҳокимияти идоракунӣ дар вилоятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва *дар ноҳияҳои маъмурӣ; истифодаи чунин баҳодиҳӣ дар низоми* идоракунӣ ва назорати давлатӣ; 1.24. Тараққиёти комплекси агросаноатӣ дар минтақаҳо, хусусиятҳои минтақавӣ ва маконии инкишофи хоҷагии қишлоқ мутобиқат мекунад.

**Саҳеҳӣ ва навгонии илмии тадқиқот ва натиҷаҳои гирифташуда** дар омӯзиши ҷанбаҳои минтақавӣ-назариявӣ ва коркарди самтҳои асосии таъмини амнияти озуқаворӣи ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ - ҳамчун унсури ҷудонашавандаи самти стратегии рушди иқтисоди миллӣ ифода ёфтааст. Ба натиҷаҳои асосии тадқиқот, ки навгониҳои илмиро дар бар мегирад, инҳо дохил мешаванд:

-ҷанбаҳои назариявӣ ва минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ омӯхта шуда, муаммоҳои асосии ба таъмини амнияти озуқаворӣи минтақа таъсиррасон муайян гардидаанд;

-сохтори механизми худтаъминкунии озуқаворӣ муайян карда шуда, роҳҳои асосии рушди механизми худтаъминкунии озуқаворӣ пешниҳод гардида, нақши онҳо дар таъмини амнияти озуқаворӣи минтақа муайян карда шудааст;

- таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, роҳҳои амалии дастовардҳои пешқадами онҳо дар сатҳи минтақа асоснок ва пешниҳод гардидаанд;

- вазъи ҳозира ва тамоюли минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ муайян гардида, нишондиҳандаҳои худтаъминкунии озуқаворӣи минтақаи тадқиқотӣ, сатҳи калориянокии озуқаворӣ ва инчунин миқдори хароҷот барои озуқаворӣ таҳлил ва арзёбӣ гардидааст;

- дастрасӣ ва мавҷудияти маводи озуқа ҳамчун омили ивазнашавандаи таъмини амнияти озуқаворӣи минтақа муайян гардида, амалигардонии маҷмӯи чорабиниҳои комплексӣ оиди истеҳсоли маҳсулотҳои асосии кишоварзӣ пешниҳод гардидаанд;

- самтҳои асосии хусусияти экологию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дошта, ки ба таъмини амнияти озуқаворӣи минтақа таъсири худро мерасонанд коркард ва пешниҳод гардида, нақши маҳсулотҳои аз ҷиҳати ирсӣ дигаргуншуда дар таъмини амнияти озуқаворӣи минтақа асоснок гардидаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Моҳияти омӯзиши ҷанбаҳои назариявии мавзӯи таҳқиқотӣ дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои ба дастовардаро олимон ва коршиносони ба ҳалли масъалаҳои таҳқиқоти таъмини амнияти озуқаворӣ машғул буда метавонанд мавриди муҳокима қарор диҳанд, зеро ки ин раванди мураккаби тағйирёбии иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, ҳалли масъалаҳои гуногунҷанбаи хусусиятҳои иқтисодӣ, экологӣ, иҷтимоӣ ва ҳатто сиёсӣ доштаро талаб менамояд. Аз ин ҷост, ки омӯзиши минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ ҳамчун омили асосии ба ҳалли ин ҳадафи стратегӣ таъсиррасон, муайян намудани мушкилот ва роҳҳои ҳалли он дар шароити муносибатҳои нави иқтисодӣ аҳамияти илмию амалии таҳқиқотро ташкил медиҳад. Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода мeёбад, ки муқаррароти илмӣ ва тавсияҳои амалии дар кори диссертатсионӣ таҳияшуда имкон медиҳанд ки дар сатҳи нисбатан баланди илмӣ ва методӣ, муаммоҳои таъмини устувори минтақа бо озуқаворӣ дар шароити танзими давлатии бозори озуқаворӣ ва таҳкими истиқлолияти иқтисодии минтақаҳо ҳалли ҳамаҷонибаи худро ёбанд.

**Тавсифи умуми кори диссертатсионӣ** кори диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, хулосаву пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Диссертатсия дар ҳаҷми 199 саҳифаи чопи компютерӣ пешниҳод шуда, фарогири 26 ҷадвал ва 10 расм мебошад.

Дар муқаддима мубрамияти таҳқиқот, асоснокӣ, ҳадафу вазифаҳо, навгониҳои илмӣ ва аҳамиятнокии амалии натиҷаҳои бадастовардашуда мухтасар пешниҳод шудаанд.

**Камбудиҳои асосӣ ва эродҳо.** Дар баробари ҷиҳатҳои мусбии назариявӣ ва амалӣ инчунин диссертатсияи тақризшаванда дорои баъзе аз камбудиҳо мебошад, ки барассӣ намудани онҳо барои таҳқиқоти минбаъдаи муаллиф аз манфиат холӣ нест.

1. Хуб мешуд, агар муаллиф дар қатори таъсири ногувори буҳронҳои молиявӣ, ки оҳиста-оҳиста ба иқтисодиёти ҷумҳурии мо низ таъсир расонидаанд, ҳамчунин дар бораи таъсири нооромиҳои сиёсӣ байни

Федератсияи Россия ва Украина, ки таъсири бевоситаи худро аз он ҷумла ба болоравии маҳсулотҳои озуқа ва дар ниҳояти кор ба амнияти озуқавории як қатор кишварҳои ИДМ расонида истодааст, аҳамияти бештар дода бо рақаму далелҳо онҳоро асоснок менамуд.

2. Худтаъминкунии озуқаворӣ аз ҷониби муаллиф шарҳро талаб менамояд, дар ҳолате, ки он дар таъмини амнияти озуқавории минтақа нақши назарраси худро иҷро менамояд.

3. Дар баъзе аз ҷадвалҳо, ки бевосита ба масъалаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ бахшида шудааст, муаллиф 3 солро таҳлил намудааст, ки барои муайян кардани вазъ ва тамоюл басанда нест.

4. Агар нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда боз ҳам васеътар карда мешуданд, кори диссертатсионӣ ранги дигар мегирифт.

5. Хулосае, ки дар ҷамъбасти зербоби 3.1., оварда шудаанд, хубтар мешуд боз ҳам васеътар ва саҳеҳтар карда мешуданд.

Камбудию эродҳои қайдшуда хусусияти тавсиявӣ дошта, аҳамияти назариявӣ, арзиши амалӣ ва баҳои умумии диссертатсияро коста намегардонанд

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 6 мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ва дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд.

**Хулосаи муассисаи тақриздиҳанда.** Хулоса ва пешниҳодҳои аз натиҷаи таҳқиқот таҳиягардида ба муҳтаво, мақсад, вазифаҳо ва навгонии илмии диссертатсия мутобиқ мебошанд. Мазмун ва мундариҷаи диссертатсия дар интишороти илмӣ ва автореферат инъикос гардидааст.

**Мувофиқати диссертатсия ба “Тартиби додани дараҷаи илмӣ”**

Ҳамин тавр, диссертатсияи Исайнова Манижа Ҳисайновна, дар мавзуи «Ҷанбаҳои минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланд ва кифоянокии илмӣ-методӣ иҷро шуда, таҳқиқоти мукаммал ва бaанҷомрасидаро доир ба масъалаҳои мубрами таъмини амнияти озуқавории минтақа ифода менамояд.

Диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои диссертатсияҳои номзадӣ, ки бо “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июни сол 2021, №267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Исайнова М.Ҳ. барои дарёфти дараҷаи илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ сазовор мебошад.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, дар суратҷаласаи №4 аз 15.11. 2022 муҳокима гардида, тақриз тасдиқ карда шуд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 17 нафар, зид - нест, бетараф-нест. Тақриз аз тарафи номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи Давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Сафаров Аъзамҷон Аҳмадхонович таҳия шудааст.

Раиси ҷаласа:
номзади илмҳои иқтисодӣ,
и.в. дотсенти кафедраи назарияи
иқтисодии ДДК ба номи А. Рӯдакӣ — Мирсаидов Муҳаммаднаим Негматвоич

Лоиҳаи тақризро таҳия намуд:
номзади илмҳои иқтисодӣ,
мудири кафедраи назарияи
иқтисодии ДДК ба номи А. Рӯдакӣ — Сафаров Аъзамҷон Аҳмадхонович

Котиб:
номзади илмҳои иқтисодӣ,
муаллими калони кафедраи назарияи
иқтисодии ДДК ба номи А. Рӯдакӣ — Маҳмудов Баҳриддин Нуриддинович

Имзои н.и.и., и.в. дотсент Мирсаидов М.Н., н.и.и. Сафаров А.А. ва н.и.и.Маҳмудов Б.Н. тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи Давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Амиров Ф.А.

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16, Донишгоҳи
Давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
тел: (+992) 985905990, E-mail: mmirsaidov@mail.ru